**СУРАТМАҶЛИСИ № 42**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**11 апрели соли 2026** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

**1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Саломзода Некрӯз Маҳмадхоҷа дар мавзуи «Ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (раис), доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар (аъзо), ва доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳайдарзода Рустам Ҷура (аъзо).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Саломзода Некрӯз Маҳмадхоҷа дар мавзуи «Ташаккули имиҷи сиёсӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф;
- доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҳайдарзода Рустам Ҷура.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ ____________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ ____________/ Сангинов Н.Н.